# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 13 январи соли 2024, таҳти №42.

Бораи сазовор донистани Шарипов Самандар Самариддинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддиновичро дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар таърихи 28.10.2023 сол, суратмаҷлиси №36 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети хуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шарипов Самандар Самариддинович 16-уми октябри соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2013 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2018 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Баъди хатми донишгоҳ аз соли таҳсили 2018 то ҳол ба сифати ассистент, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият дорад.

Аз 07-уми январи соли 2021 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Сафарзода Анвар Ислом** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон;

**Сафарзода Ҳаёт Сайдамир** – н.и.ҳ., дотсент, профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар тақризи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар дотсенти кафедраи ҳуқуқи факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Миралиев С.А. омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Нодиров Ф.М. ва котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Сафаров И.Д. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С. санаи 11.12.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Шарипов, С.С. Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии объекти фиреби истеъсолкунандагон [Матн] / С.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – №4-2 (39). – С. 352-358; ISSN: 2308-054X.

2. Сафарзода, А.И., Шарипов, С.С. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии тарафи субъективии фиреби истеъмолкунандагон [Матн] / А.И. Сафарзода, С.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 225-230; ISSN: 2413-5151.

3. Шарипов, С.С. Ташаккул ва инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон [Матн] / С.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №11. – С. 225-232; ISSN: 2413-5151.

4. Шарипов, С.С. Гумроҳ кардан оид ба хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) дар таркиби тарафи объективии фиреби истеъмолкунандагон [Матн] / С.С. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №7. – С. 281-287; ISSN: 2413-5151.

5. Шарипов, С.С. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар замони шӯравӣ [Матн] / С.С. Шарипов // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз. Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (9 декабри соли 2022) / Зери таҳрири номздаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. – Душанбе: Матбаи ДМТ, 2022. – С. 398-405.

6. Шарипов, С.С. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар марҳилаи муосир [Матн] / С.С. Шарипов // Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир: маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (солҳои 2020-2040) 27-28 декабри соли 2022 / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доктори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Қудратов. – Душанбе: «ДДТТ», 2022. – С. 317-322.

7. Шарипов, С.С. Рушд ва инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар замони истиқлолият [Матн] / С.С. Шарипов // 25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ / Зери назари умумии д.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 267-270.

8. Шарипов, С.С. Тавсифи умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон [Матн] / С.С. Шарипов // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (1 ноябри соли 2023). – Душанбе: Ватан-принт, 2023. – С. 406-412.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Сангинзода Д.Ш.** – муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Ғайратов Т.М.** – дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, н.и.ҳ.;

**Қодирзода Д.С.** – декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.ҳ., дотсент.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла, оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, марҳилаҳои ташаккул ва рушди падидаи мазкур, таъини ҷазо

барои фиреби истеъмолкунандагон, намудҳои дигари фиреби истеъмолкунандагон, доираи субъектони ҷинояти мазкур, баъзе нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавадаро фаро мегиранд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, тахти №267 (бо тағйироту иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– ташаккул ва инкишофи қонунгузорӣ оид ба ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистонро аз ҷиҳати илмию амалӣ мавриди таҳқиқи қарор додааст;

– қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи давлатҳои ИДМ оид ба ҷавобгарӣ барои фиреби истеъмолкунандагон аз нуқтаи назари самаранокии амалии онҳо ва истифодаи минбаъдаи ин таҷриба дар такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар таҳлил намудааст;

– аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагонро таҳлил ва баррасӣ намуда, муайян кардааст;

– фарқияти фиреби истеъмолкунандагонро аз таркибҳои ба он монанд муайян намуда, оид ба такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ доир ба мубориза бар зидди ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон тавсияҳо таҳия ва пешниҳод намудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** хулосаҳо ва нуқтаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳифзи муносибатҳои иқтисодӣ, бахусус амнияти иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагон истифода шаванд.

Ҳамзамон, хулосаҳои диссертатсия барои таълими фанҳо ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, фанни «Ҷиноятҳои иқтисодӣ», «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ», таҳқиқоти илмӣ аҳаммияти калон доранд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмии фалсафӣ, усулҳои илмии диалектикии дарки ҳодиса ва раванди ҳаёти ҷамъиятӣ, ягонагии мазмуни иҷтимоӣ ва шаклҳои ҳуқуқие, ки раванди омӯзиши илмии онҳоро таъмин менамоянд, инчунин усулҳои умумӣ ва махсуси

дарки падидаҳои таҳқиқшаванда дар робита бо алоқамандӣ ва вобастагии мутлақ; усулҳои умумии таҳлил (анализ) ва таркиб (синтез), усулҳои махсуси илмӣ: мантиқӣ-расмӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва махсуси ҳуқуқӣ самаранок истифода шудаанд.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳқиқотро пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ба монанди У.А. Азиззода (У.А. Азизов), Н.А. Ғаффорова, Ф.К. Иброҳимов, Н.А. Қудратов, Н. Маҳмадзода, Ф.А. Мирзоахмедов, М.М. Муллаев, А.Қ. Назаров, Р.Ҳ. Раҳимзода, М.Ҷ. Раҳмонзода, Ш.Н. Саидов, А.И. Сафарзода (А.И. Сафаров), К.Ҳ. Солиев, А.Ғ. Холиқов, Р.И. Шарипов, Т.Ш. Шарипов, С.Ш. Шаропов ва олимони хориҷӣ, аз қабили Г. Александров, П. Андрушко, С.Г Аникиетс, И.А. Антропенко, Б.В. Волженкин, Г.И. Волфман, А.И. Мешерин, Н.Г. Плотникова, Г.О. Рибакова, И.Г. Сапожников Л.Н. Тхайтсухова ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла КҶ ҶТ, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва ғайра гарданд; дар амалия тартиби дуруст бандубаст кардан ва татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ҷиҳати ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дуруст танзим карда шаванд, фаъолияти қонунгузорӣ ва қонунтатбиққунии судҳо ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо истифода бурда шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** тавассути таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида, дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КҶ ҶТ, КИҶҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ, Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва ғайра ба даст омадаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуқтаҳои илмӣ, ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти

диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ исбот карда мешаванд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 13-уми январи соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Шарипов Самандар Самариддинович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш.

И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров А.Қ.

13-уми январи соли 2024